**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2025.**

Рисола ба яке аз масъалаҳои ниҳоят мубрам- Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ( нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX) бахшида шудааст. Роҷеъ ба омӯзиш ва таҳқиқи давраи мазкур осори Қаҳрамони Тоҷикистон, чеҳраи мондагори халқи тоҷик Садриддин Айнӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар ин росто таъкид намудан ба маврид аст, ки қисмати зиёди асарҳои С. Айнӣ ҳамчун сарчашмаҳои муътамади таърихи халқи тоҷик дар инъикос ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва фарҳангии гузаштаи начандон дури миллати мо мавқеи хоса доранд. Дар осори ин фарзанди фарзонаи миллат масъалаҳои мубрами таърихи нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ки имрӯз барои мо чун маъхази боварибахш хидмат менамояд.

Сохтори диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур мувофиқи қоидаҳои қабулшуда дуруст тартиб дода шуда, он ҷавобгӯи корҳои илмӣ мебошад ва ҳар бобу банд якдигарро такмилу пурра мекунад ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ишораҳои библиографӣ ба қоидаҳои қабулшуда мувофиқат мекунанд.

Боби нахусти диссертатсия – «Инъикоси масоили мубрами таърихи охири асри XIX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ» аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳанги халқи

тоҷик дар охири асри XIX ва баррасии ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар боби дувуми диссертатсия «Масоили таҳлилу омӯзиши таърихи ибтидои асри XX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ» баррасӣ мегардад. Дар ин хусус муаллиф иброз менамояд, ки устод С. Айнӣ ба унвони як муаррих хушомадгӯии муарихони шарқиро зери тозиёнаи танқид гирифта, ҳамеша ба асли таърих ва ба ҳолати воқеъбинона инъикос кардани ҳодисаҳои гузашта пойбандӣ нишон медиҳад. Дар асоси осори С. Айнӣ муаллиф ба хулосае меояд, ки яке аз омилҳои асосии қувват гирифтани муқобилони ҷадидон, ки ягона қувваи хайрхоҳи ҷомеа буданд, бесаводу аз аҳкоми шариат дур будани аксари қишрҳои ҷомеа, махсусан ҷавонон буд. Дар пажуҳиши мазкур собит мегардад, ки ин гуна ашхос воситаи асосии амалӣ гардидани ҳадафҳои ҳукумати золим ва муллоҳои ифротӣ шуда буд.

Ҳамчунин, дар хулосаи диссертатсия ақидаи муаллиф роҷеъ ба мавзуъ оварда шуда, пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси пазирой аст.

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод мешаванд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ, бо истифодаи ақидаҳои маъмули пазируфтаи илми таърих мувофиқ мебошанд. Онҳо дар муқоиса бо нуктаҳо ва хулосаҳое, ки дар раванди омӯзиши таърихи нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои ари XX истифода мешаванд, то андозае хислати навгонӣ доранд.

Муҳаккиқ Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар таълифи диссертатсия аз маводи зиёди илмӣ истифода намуда, ақидаҳои муаллиф бо далелҳои илмӣ асоснок гардида, диссертант асару мақолаҳои С. Айниро бо дигар муаррихони вақт мавриди қиёс ва таҳлил қарор додааст.

Интишороти довталаб аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ дорои малака ва маҳорати зарурии пешбурди корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ аст. Муаллиф аз

руйи мазмун ва муҳтавои диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолла дар конфронсҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ба табъ расонидааст.

Бо назардошти мулоҳизаҳои баёнёфта, метавон гуфт, ки рисолаи номзадии баррасишаванда ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф бо камоли касбӣ ба ҳалли мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошта ноил гардидааст. Дар автореферат, мазмуни рисола дуруст инъикос ёфта, бо боварии том муҳаққиқ Баҳорзода Сироҷиддини Ашур сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Муқарриз:
Ходими пешбари илмии Маркази омӯзиши
“Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон”-и
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.т., дотсент Нуриддинов Ҳ.

Имзои Ҳ. Нуриддиновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Ф.З. Зоирхонзода
«19» 05 с. 2025

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Саид Носир, 33.
Тел.: +992 93 999 60 01, 8888 71 930;
E-mail: homid-54@mail.ru